**Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон**
**ба номи Абӯалӣ ибни Сино**

**«Тасдиқ мекунам»**

**Ректори ДДТТ ба номи**
**Абӯалӣ ибни Сино**
**д.и.т., профессор**

**________У.А.Қурбонов**
**«___»_______соли 2013**

# Низомномаи
# кори тарбиявӣ дар Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино

***ДУШАНБЕ – 2013***

# МУҚАДДИМА

Мундариҷаи кори тарбиявии ДДТТ ташакулли сифатҳои ахлоқӣ, шаҳрвандӣ ва шавқат дар корманди ояндаи соҳаи тибро фаро мегирад. Аз мутахассиси ҷавон камолот, ибтикор, вазифашиносӣ, талаби илм кардан, ҳаллу фасл карда тавонистан тақозо мешавад.

Кори тарбиявии Донишгоҳ мутобиқи низомнома оид ба макотиби олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуҷҷатҳои меъёрии Вазорати маориф ва тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Оинномаи Донишгоҳ амалӣ мешавад.

Дар иҷрои масъалаҳои тарбиявӣ ҳайати устодон нақши асосӣ доранд. Дар натиҷаи муносибати дуҷонибаи устодону донишҷӯён ғанӣ гаштани ҷиҳатҳои ботиниву эҷодӣ ва ивазшавии наслҳо рух медиҳад. Фаъолияти тарбиявии муаллимон шаклан ва мазмунан гуногун аст. Вай тамоми ҷабҳаҳои фаъолияти муаллимро фаро гирифта, системаи ягонаи тарбияро ба вуҷуд меорад. Дар рушду нумӯи ҷаҳонбинии илмии донишҷӯён бояд, ки ҷамъиятшиносон, муаллимони фанҳои тиббӣ, биологӣ ва кафедраҳои клиникӣ саҳм бигиранд. Тарбияи анъанавӣ дар Донишгоҳи тиббӣ бояд, ки шаклҳои мухталифи корҳои инфиродӣ бо донишҷӯён, корҳои берун аз дарсӣ бо гурӯҳҳои донишҷӯён омезиш ёбад.

Яке аз шаклҳои маъмулу самаранокии кори тарбия ин шӯрои кураторон аст. Дар Донишгоҳ системаи кураторӣ унсури асосии ҷараёни таълиму тарбия ба ҳисоб меравад. Таҷрибаҳои коллективии кори муаллимон ва тамоюлҳои нави рушди мактабҳои олӣ дар ҷумҳурӣ, аз ҷумла дар тиб ва нигаҳдории тандурустӣ, водор месозанд, ки моҳияти ин кор аз нав баррасӣ шуда, мақсади ниҳоии он муайян гардад.

Нуқтаи ибтидоии кори тарбиявӣ бо донишҷӯён гурӯҳи академӣ аст. Дар ташаккули донишҷӯ ва гурӯҳи донишҷӯён куратор саҳми босазо дорад. Куратор бояд дар азхудкунии донишҳои касбӣ ва маҳорати амалӣ, усулҳои муосири ташхису муолиҷаи бемориҳо ба донишҷӯён ёрӣ расонад, муносибати диалектикии дарки организми инсонро ҳамчун воҳид ёд гирад, тарзи ҳаёти солимро тарғиб карда тавонад, шаҳрванди ватандӯст ва фаъоли кишвар бошад. Аммо куратор ҳангоми иҷрои корҳои гуногуни ҷамъиятӣ набояд талоши иваз кардани хислати донишҷӯро кунад, баръакс вай ба инкишофи мустақилияти мутахассиси оянда, худидоракунии донишҷӯён ва ба вуҷуд овардани сифатҳои ташкилотчигӣ мусоидат кунад. Барои татбиқ кардани вазифаҳои зикршуда куратор бояд маҳорати касбӣ ва педагогӣ дошта бошад. Вай бояд мунтазам на танҳо дониши касбии соҳаи педагогика, балки дар психология низ доштаи худро такмил дода, барқарор кардани муносибат бо донишҷӯ ва гурӯҳи донишҷӯёнро омӯзад.

# ТАРКИБ ВА МАЗМУНИ КОРИ КУРАТОРӢ

Кори кураторон дар Донишгоҳи тиббӣ мувофиқи мазмуни асосии ҷараёни таълиму тарбия ва бо дарназардошти ин просесс, дар курсҳои

гуногун хусусиятҳои психалогияи донишҷуй, талаботи таъминоти методиву ташкилии фаъолияти муаллимон ба роҳ монда мешавад.

Кори тарбиявӣ дар Донишгоҳ дар факултаҳо, курсҳо, патокҳо ва гурӯҳҳо гузаронида мешавад

Роҳбарии умумии тамоми корҳои тарбиявии Донишгоҳро муовини ректор оид ба тарбия ва фарҳанг ба ӯҳда дорад.

Кор бо донишҷӯёни соли аввал масъулияти бештарро талаб мекунад. Маҳз дар ҳамин давра донишҷӯ ба роҳнамо зарурат дорад. Вобаста ба ин дар Донишгоҳ системаи дузинагии кори тарбиявӣ ба роҳ монда шуда аст.

**Зинаи якум** – кори тарбиявӣ дар ду курси аввали донишгоҳ, ки дар ин ҷо бунёди характери мутахассисони оянда гузошта мешавад. Вазифаи асосии тарбиявии ин зина аз ташаккул додани гурӯҳҳои донишҷӯён ба сифати коллективӣ, таълимиву меҳнатӣ ва ба корҳои гуногуни донишгоҳ-меҳнатӣ, ҷамъиятӣ ва илмӣ ҷалб кардани онхо, барои ба шароити нав мутобиқ шудан, ба набзи ҳаёти таълими ҳамоҳанг шудан ва маҳорати кори мустақилонаро аз худ кардани донишҷӯён ёрӣ расондан иброт аст.

Дар ин курсҳо барои ҳар як гурӯҳ куратор таъйин гардад. Ба хусус ба курси якум аҳамияти ҷиддӣ дода мешавад. Гурӯҳҳои донишҷӯён дар байни кафедраҳои назариявӣ тақсим мешаванд. Аз ҳисоби муаллимони соҳибтаҷриба дар кафедраҳо саркуратор таъйин карда мешавад. Масъули кори тарбиявии курси якум муовини декан оид ба корҳои тарбиявӣ аст.

**Зинаи дуюм-** кори тарбиявӣ дар курсҳои болоӣ. Дар ин курсҳо коллективҳои кафедраҳо дар курсҳо ва патокҳои алоҳида кори кураториро пеш мебаранд. Кори тарбиявии патокро куратори паток иҷро мекунад, вай аз ҳисоби муаллимони соҳибтаҷрибаи кафедраҳои ихтисосӣ интихоб карда мешавад.

Дар ин зина вазифаи кори тарбиявӣ аз фаъолнокии ҷамъиятиву сиёсии донишҷӯён, ташкил намудани назорати тартиб додан ва иҷро кардани нақшаҳои шахсии онҳо, гузаронидани аттестатсия дар гурӯҳҳо, ҷабҳаи касбӣ доштани кори тарбиявӣ иборат аст.

Кафедра масъулияти муаллимони худро, ки куратор таъйин кардааст, ба ӯҳда дошта, вазифадор аст, ки ба онҳо ёрии ҳамаҷониба расонад.

Кори тарбиявӣ дар факулта ва курс таҳти роҳбарии ҷонишини декан оид ба корҳои тарбиявӣ гузаронида мешавад.

Кураторон дар асоси пешниҳоди мудири кафедра, ҷонишини декан оид ба корҳои тарбиявӣ таъйин шуда, бо тавсияи муовини ректор оид ба тарбия ва фарҳанг бо фармони ректори донишгоҳ тасдиқ мешаванд.

Назорати кори кураторон, таҷрибаивазкунӣ ва тавсияи кори онҳоро муовини ректор оид ба тарбия ва фарҳанги донишгоҳ, деканатҳо, ҷонишини деканҳои факултаҳо оид ба кори тарбиявӣ, шӯрои марказии кураторони назди муовинон, назди муовини ректор оид ба тарбия ва фарҳанг ва шӯрои факултативии кураторон мегузаронанд.

Шаклҳои назорат- иштирок ба «соатҳои кураторӣ», ки дар гурӯҳҳои алоҳида ё патокҳо гузаронида мешавад, омӯзиши нақшаи корӣ ва ҳисоботи кураторон, муҳокимаи кори кураторон дар маҷлисҳои кафедра, шӯрои методӣ, ШМК, ШФК; ҳисобот оиди кори тарбиявӣ дар шӯрои олимони донишгоҳ шунида мешавад.

# ШӮРОИ МАРКАЗИИ КУРАТОРОН (ШМК)

ШМК таъйин кардани мазмуну таъминоти методии кори кураторони донишгохро ба ӯҳда дорад. Сарварии ШМК-ро муовини ректор оид ба тарбия ва фарҳанг ба зима дорад. Ҷонишини вай яке аз ҷонишини деканҳо оид ба тарбия таъйин мешавад. Шӯрои марказӣ ба кураторон дар шакли семинарҳо оид ба масъалаҳои методиву амалии кори тарбиявии факулта, курс, паток ва гурӯҳҳо ёрӣ мерасонад. Ҳолати кори кураторон дар матбуоти даврии донишгоҳ акс мешавад. ШМК- мазмун ва таъминнокии кори кураторони факултаро муайян ва таъмин мекунад. Ба ҳайати шӯро кураторҳои патокҳо, саркураторони кафедраҳо дохил мешаванд. Раиси шӯро ҷонишини декан оид ба корҳои тарбиявӣ аст.

# МАЗМУНИ КОРИ КУРАТОРОН

Кори кураторон аз бахшҳои зерин иборат аст:

- **Тарбияи сиёсӣ -** ташкили корӣ ҷамъиятӣ-сиёсии донишҷӯёнро дар бар мегирад. Шаклҳои ахбори сиёсӣ, сӯҳбатҳо дар бораи таърихи донишгоҳ, шиносоӣ бо фаъолияти академикҳои машҳур, мисли К.Т.Тоҷиев, Ю. Б. Исҳоқӣ, М.Ғ. Ғуломов ва ғ. истифода мешавад.
- **Кор бо ташкилотҳои ҷамъиятии донишишҷӯён -** шиносоӣ бо ташкилотҳои созмони ҷавонон ва иттифоқи касабаи донишҷӯёни донишгоҳ.
- **Дар донишҷӯён тарбия кардани меҳри касби духтурӣ-** яке аз самтҳои муҳимми кори кураторон буда, бо гузаронидани шабнишиниҳои мавзуӣ марбут ба ихтисосҳои табибӣ тақвият дода мешавад. Ба ин шабнишиниҳо муаллимон ва духтуронро даъват кардан, омӯзиши тарзи нигоҳубини беморон ба донишҷӯён ва ғ.
- **Тарбияи шавқу рағбат ба таълим-** дар донишҷӯён бедор кардани маҳорат ва мустақилияти таълимии донишҷӯён, қадр кардани донишҷӯёни аълохон.
- **Тарбияи эстетикӣ-** тамоми меъёрҳои ахлоқиеро дар бар мегирад, ки мутахассиси ояндаи соҳаи тиб бояд онҳоро риоя кунад; донишҷӯ ин меъёрҳоро ҳангоми таълим дар кафедраҳои клиникиву назариявӣ, дар вақти омӯзиши деантологияи табибӣ аз худ мекунад.
- **Тарбияи ҷисмонӣ-** асоси ҳаёти солимро дар бар мегирад. Дар зери назорати куратор бояд, ки иштироки донишҷӯ дар сексияҳои варзишӣ, кори он ба сифати тренери ҷамъиятӣ қарор дошта бошад.

Мӯҳтавои кори куратори гурӯҳ аз ин намудҳои фаъолият вобаста аст.

- **Кори ташкилӣ-** ёрӣ расонидан ба донишҷӯ дар муайян кардани вазифаҳои онҳо дар таълим ва корҳои ҷамъиятӣ;
- **Нақшавӣ-** ба донишҷӯён ёд додани ба нақшагирии гузаронидани чорабиниҳо дар гурӯҳ ва дар паток;

- **Ҳамоҳангсозӣ**- Ҷалб кардани донишҷӯён дар кори ҳамоҳангсозии нақшаи чорабиниҳои гурӯҳ ва паток бо нақшаҳои умумидонишгоҳии таълиму тарбия, кори созмони ҷавонони донишгоҳ;
- **Фаъолсозӣ**- ба фаъолнокии донишҷӯён дар ҳаёти ҷамъиятиву сиёсии донишгоҳ ва ба беҳтар намудани органҳои идоракунии ҷараёни таълиму тарбия равона шудааст;
- **Тартиботӣ**- тартиби таҷрибаи пешқадам дар таҳсил, корҳои илмиву тадқиқотӣ ва ҷамъиятии донишҷӯён, ташкил ва таҳияи шаклҳои нави тарғиби ин таҷриба;
- **Педагогӣ**- дар асоси хусусиятҳои психологии ҳар як донишҷӯ ба роҳ монда шуда, аз сӯҳбати инфиродӣ ба онҳо, таъсиррасонӣ ба воситаи волидайн, намуна, ҳавасмандкунӣ ва ғайра иборат аст;
- **Назоратӣ**- назорати дарсазхудкунии ҳаррӯза ва семестрии донишҷӯён, назорати иҷроиши супоришҳои додашуда, назорати иҷрои нақшаи чорабиниҳо, навиштани ҳисоботи корӣ.

## ҲУҚУҚ ВА ВАЗИФАҲОИ КУРАТОРОН

### Вазифаҳои кураторон

1. Тамоми корҳои тарбиявиро дар гурӯҳ куратор мувофиқи нақшаи комплектии кори тарбиявии донишгоҳ мегузаронад.
2. Куратор бояд мақсад ва майли ҳар як донишҷӯйи гурӯҳ, шароити зисту маишии ӯро хуб донад.
3. Куратор вазифадор аст, ки ба азхудкунии ҷорӣ ва семестрии донишҷӯён назорат карда, ба онҳо ёрии зарурӣ расонад ва ба донишҷӯёне, ки бе сабаб барномаро аз худ намекунанд, таъсир расонад.
4. Дар оғози соли таҳсил куратори гурӯҳ донишҷӯёнро ба кафедраҳои марбута ошно месозад, оиди комёбиҳои илмиву педагогии донишгоҳ сӯҳбат мекунад: курси якуми донишҷӯёнро ба таърихи донишгоҳ, факулта, кафедраҳо, сохтор ва вазифаҳои созмони ҷавонон ва иттифоқи касаба маълумот медиҳад.
5. Куратор бояд, ки ба интихоби сардор ва прафорги гурӯҳ диққати ҷиддӣ диҳад, зеро аз онҳо бисёр комёбиҳои гурӯҳ дар ҷодаи таълиму корҳои ҷамъиятӣ вобаста аст.
6. Куратори гурӯҳ ба сардор ва прафорги гурӯҳ дар тартиб додани нақшаю чорабиниҳо барои соли таҳсил ё семестр ёрӣ мерасонад, ки ин нақша на дертар аз ду ҳафта баъди оғози семестр бояд тартиб дода шавад; нақша дар маҷлиси умумии гурӯҳ тасдиқ карда мешавад.
7. Куратор якҷоя бо сардори гурӯҳ на камтар аз ду бор дар як моҳ дар курси якум ва як бор дар курсҳои дуюм соати кураторӣ бояд гузаронад.
8. Куратор донишҷӯёнро ба иштироки фаъолонаи ҳаёти ҷамъиятӣ ҷалб мекунад.
9. Куратор бояд на камтар аз ду бор дар семестр ба хобгоҳи донишҷӯёнаш равад, то ин ки ба шароити зисти онҳо ошно шуда, баҳри хубтар кардани шароити зист барояшон ёрӣ расонад.

10. Ба донишҷӯён дар муносибати масъулиятнокӣ ба кори навбатдории нақшавӣ дар муассисаҳои тиббӣ ёрӣ расонад, то ин ки дар онҳо малакаи техникии муоинаи тиббии хуб доштан, муносибати самимӣ ва бо диққат ба беморонро тарбия намояд.
11. Куратор бояд муттассил донишашро дар соҳаи педагогика ва психологияи мактаби олӣ такмил диҳад
12. Куратор якҷоя бо сардори гурӯҳ рӯзномаи гузаронидани чорабиниҳоро тартиб медиҳад.

## <u>Ҳуқуқи куратор</u>

1. Куратор ҳуқуқ дород, ки оид ба беҳтар кардани шароити таълимӣ, илмӣ-тадқиқотӣ, тарбиявӣ, маданиву майишии донишҷӯён пешниҳоди худро иброз дорад.
2. Куратор ҳуқуқ дорад, ки баъди мувофиқа бо муаллим ба дарси назариявӣ, амалӣ, имтиҳони гурӯҳ ё паток иштирок кунад.
3. Куратор ҳуқуқ дорад дар таҳия ва қабули қарори раёсат ё созмони ҷамъиятӣ, ки марбути донишҷӯи вай аст, иштирок кунад.
4. Куратор метавонад, ки донишҷӯёни дар таълим ва корҳои ҷамъиятӣ фаъолро тибқи муқаррароти донишгоҳ ҳавасманд кунад ва вайронкунандагони тартиботу сустхонҳоро танбеҳ диҳад.
5. Дар мавриди зарурӣ куратор метавонад, ки бо волидайн ё хешу табори донишҷӯ муносибат барқарор кунад.
6. Куратор метавонад, ки ба ҳайси мушовир дар органҳои худидоракунии донишҷӯён иштирок кунад.
7. Куратор метавонад аз тамоми маълумотномаҳои мавҷудаи кафедраҳо, деканат, шӯъбаи таълим дар хусуси донишҷӯён истифода барад.
8. Кори муаллим ҳамчун куратор кори таълимӣ ҳисоб мешавад ва дар нақшаи инфиродӣ қисми кори таълим (миқдори соат, тибқи пешниҳоди муовини ректор оид ба тарбия бо фармони ректор муқарар карда мешавад) дохил карда мешавад.
9. Куратори беҳтарин мувофиқи муқаррароти донишгоҳ аз ҷиҳати моддиву маънавӣ ҳавасманд карда мешавад.

## <u>Ҳуҷатҳои куратори гурӯҳ</u>

1. Рӯзномаи куратор.
2. Нақшаи кори тарбиявӣ(дар рӯзномаи куратор).
3. Ҳисобот оиди кори тарбиявӣ.

## <u>Ҳуҷатҳои саркуратор ва куратори паток.</u>

1.Муқаррароти кори тарбиявӣ дар донишгоҳ.
2.Нақшаи кафедра оиди кори тарбиявӣ.
3. Рӯйхати кураторони гурӯҳҳо.
4. Ҷадвали назорати гузаронидани соатҳои кураторӣ.
5. Ҷадвали гузаронидани соатҳои кураторӣ.
6. Нақшаи кори тарбиявии кураторони кафедра.
7. Ҳисоботи кори тарбиявӣ.

**<u>Ҳуҷҷатҳои ҷонишинҳои декани факултетҳо оид ба кори тарбиявӣ</u>**

1. Муқаррароти кори тарбиявӣ дар донишгоҳ.
2. Накшаи кори тарбиявии факулта.
3. Нақшаи кори тарбиявии саркураторҳои кафедраҳо.
4. Рӯйхати саркураторон.
5. Рӯйхати аъзоёни шӯрои кураторони факулта ва вазифаҳои онҳо.
6. Ҷадвали назоратии назорат кардани кори тарбиявӣ.
7. Ҷадвали гузаронидани маҷлисҳои шӯрои кураторони факулта.
8. Ҳисобот дар бораи кори тарбиявии факулта.

**<u>Ҳуҷҷатҳои муовини ректор оид ба тарбия.</u>**

1. Муқаррароти кори тарбиявӣ дар донишгоҳ.
2. Вазифаҳои муовини ректор оид ба тарбия.
3. Нақшаи комплексии кори тарбиявӣ дар донишгоҳ
4. Рӯйхати шурои марказии кураторҳо.
5. Вазифаҳои аъзоёни шӯрои марказии кураторҳо.
6. Нақшаи кори шӯрои марказии кураторҳо.
7. Ҷадвали кори шӯрои марказии кураторҳо.
8. Накшаи кори тарбиявии факултетҳо.
9. Рӯйхати ҷонишинҳо, деканҳо оид ба кори тарбиявӣ ва саркураторҳо
10. Ҳисоботҳои факултаҳо дар бораи кори тарбиявӣ.
11. Ҳуҷатҳо оиди кори тарбиявӣ дар донишгоҳ.

Мӯҳлати нигоҳдории ҳуҷат-5сол.

Замимаи 2.

**Шаклҳои намунавии тартиб додани нақшаи кори тарбиявӣ**
**Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон**
**ба номи Абӯалӣ ибни Сино.**

Кафедраи________________________________________

Нақшаи кори тарбиявии куратори гурӯҳи____________________________

Курси_____факулта_________

**Барои соли таҳсили 20__ - 20__**

| № | Чорабинӣ | Иҷрокунанда | Таърихи иҷро кардан | Таърихи дақиқи иҷро кардан |
|---|---|---|---|---|
| 1 | | | | |
| 2 | | | | |
| 3 | | | | |

Кураторон_____________________________ному насаб

Сардори гурӯх_________________________ному насаб

Замимаи 3.

**<u>Шакли намунавӣ ва мазмуни кори тарбиявӣ</u>**
**Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон**
**ба номи Абӯалӣ ибни Сино.**

Кафедраи________________________________

## <u>ҲИСОБОТ</u>

Дар бораи кори тарбиявӣ дар гурӯҳи___курси___
Патоки___факултаи________дар соли таҳсили 20 - 20

Дар давраи ҳисоботи кураторӣ, миқдори донишҷӯёни гурӯҳ, ному насаби сардори гурӯҳ нишон дода мешавад.

Дар кадом рӯз гузаронидани соати кураторӣ, чанд маротиба дар як ҳафта ё як моҳ, мувофиқи нақша чандто гузаронида шуд, бояд зикр гардад.

Нишон дода шавад, ки оё аз тарафи намояндагии кафедра ё аъзоёни шӯрои кураторони факулта ё шӯрои марказии кураторон соати кураторӣ назорат шудааст ё не.

Дарсазхудкунии донишҷӯён дар давоми соли таҳсил нишон дода шавад, номи донишҷӯён дар давоми соли таҳсил зикр карда шавад, номи донишҷӯёни аълохон (агар бошад) қайд гардад, чанд донишҷӯ аз гурӯҳ рафт, бо кадом сабаб, бали миёнаи дарсазхудкунии гурӯҳ.

Оё нақшаи кори тарбиявӣ пурра иҷро шуд, агар не, чорабинии иҷронашуда ва сабаби инро нишон диҳед.

Пешниҳодҳо оид ба беҳтар кардани кори тарбиявии донишҷӯён.

**<u>Имзои куратор_____________________________</u>**

**<u>Ному насаб ва вазифаву унвони илмии куратор.</u>**

**Таърихи рӯзи**

(Навиштани ҳисобот )

Эзоҳ: Ҳисоботи саркуратор ё куратори паток дар асоси ҳисоботи куратори гурӯҳҳо навишта мешавад, дар он миқдори гурӯҳҳо, ному насаби кураторҳо, таърихи рӯзи муҳокимаи кори тарбиявӣ дар кафедра нишон дода мешавад.

Замимаи 4.

**<u>Чорабиниҳои ҳатмӣ ва тавсияшавандаи нақшаи кори тарбиявӣ (дар курсҳои поёнӣ).</u>**

1. Гузаронидани соати кураторӣ.
2. Тамошо кардани осорхонаи таърихии донишгоҳ.
3. Ҳисоботи садорат дар бораи дарсазхудкунӣ ва иштироки донишҷӯён ба дарсҳо.
4. Гузаронидани ахбороти сиёсӣ.
5. Шиносоӣ бо ҳаёти донишҷӯёне, ки дар хобгоҳ ё иҷора иқомат доранд.
6. Гузаронидани чорабиниҳо доир ба Рӯзи истиқлол, соли нав, 8-уми март, Иди «Наврӯз».
7. Гузаронидани шанбегиҳо.

Замимаи 5.

**<u>Шакли намунавӣ ва мӯҳтавои рӯзномаи куратор.</u>**

Рӯзномаи кураторро дар дафтари оддӣ навиштан мумкин аст.
Дар вай бояд бошад:

1. Рӯйхати донишҷӯён ва маълумоти анкетии онҳо (ному насаб, ҷинс, соли таваллуд, миллат, суроғаи таваллуд, суроға дар ш.Душанбе).
2. Фаъолони гурӯҳ (сардор, профорг, масъули ахбори сиёсӣ).
3. Суратмаҷлиси (протоколи) гузаронидани соати кураторӣ.